# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаии ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2024 – 24 с.**

Мавзуи илмии диссертатсияи номзадии Раҳимӣ Миҷгона Раҳим – «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаии ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)» аз ҷумлаи мавзуъҳои муҳим ва афзалиятдошта дар адабиётшиносии тоҷик буда,ба таҳқиқи густардаи яке аз образҳои шеърии адабиёти тоҷик, симои зан-модар бахшида шудааст. Бино ба таъкиди шеършиносон, тасвир аз унсурҳои асосии каломи мавзун буда, маҳз бо кашфи тасвирҳои шоирона донишу ҳунари суханвар ва дарки зебошиносию ҷаҳонбинии ӯ таъин мегардад.

Дар адабиётшиносии тоҷик поэтикаи ашъори шоирон, алалхусус тасвири образҳои шеърӣ, чунонки сазовар аст, таҳқиқ нашудааст. Назарияпардозони шеър собит намудаанд, ки барои дақиқ омӯхтани поэтикаи шеър ва дарёфтани мақсади шоир ва таъини ҳунари ӯ бояд образҳои шеъриро таҳқиқ намуд. Аз ин дидгоҳ, мавзуи фишурдаи диссертатсияи М. Р. Раҳимӣ ба таҳқиқи яке аз мавзуъҳои муҳимми илми адабиётшиносии тоҷик - образҳои шеърӣ ихтисос дошта, тасвири симои зан - модар дар замони Истиқлол дар мисоли ашъори шоирони номвари тоҷик, ки ҳар яке аз се насли даврони Истиқлоланд, Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар Салим, ба таври монографӣ таҳқиқ шудааст. Дар воқеъ, “тасвир симои зан-модар аз мавзуъҳои ҷовидонаи адабиёт буда, аз ибтидои тамаддуни башарӣ оғоз меёбад ва дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ин мавзуъ собиқаи куҳан дошта, аз адабиёти даврони бостон шуруъ мешавад” (Автореферат, с. 3).

Барои ҳалли дақиқи мавзуи мавриди таҳқиқ унвонҷӯ дар боби аввал сарчашмаҳои пайдоиш ва ташаккули тасвири симои зан-модарро дар

адабиёти аҳди бостон ва асримиёнагии форсу тоҷик баррасӣ мекунад. Аз таҳқиқи муаллифи бармеояд, ки адабиёти муосири тоҷик яке аз сарчашмаҳои асосии шеъри замони истиқлоланд. Аз ин назар, тасвири симои зан-модар ба таври фишурдаю ихчам дар адабиёти муосири тоҷик таҳқиқ шуда, муҳимтарин хусусиятҳои бадеии ин образи шеърӣ муайян гардидааст Ин амал имкон додааст, ки дар боби дуюм таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол ба дурустӣ ҳаллу фасл гардад.

Гарчанде ҷанбаҳои ҳунарии шеъри замони Истиқлол дар боби сеюм гузошта шудааст, аммо дар боби дувум низ ҳангоми баррасии тасвири симои зан-модар унвонҷӯ барои таъини таҳаввули тасвири мавзуъ бештар ба хусусиятҳои ҳунарии шоирон диққат додааст. Шояд аз ҳамин сабаб ҳаҷми боби сеюм нисбат ба бобҳои якуму дуюм камтар аст. Қобили зикр аст, ки таъини ҳунари шоирон ва завқу салиқаи зебошинохтии онҳо ҳангоми тавири симои зан-модар аз бозёфтҳои муҳимми кори илмии М.Р. Раҳимӣ ба ҳисоб меравад.

Дар хулосаи автореферати диссертасия дар 17 банд натоиҷи таҳкиқ ва дар 8 банд тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқи мавзуъ оварда шудаанд, ки ҷанбаи муҳимми илмӣ доранд ва дар шинохти адабиёти замони Истиқлол метавонанд истифода шаванд.

Барои такмили баъзе нукоти кори таҳқиқӣ ба инобат гирифтани пешниҳодҳои зерин ба манфиати кор мебошад:

1. Дар бахши «Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ» ба 38 адабиёти илмӣ ишора гардида, дар повараќи саҳифаҳои 3-5 оварда шудаанд. Ба назари мо, дар повараќи автореферат ҷой додану манзури хонанда намудани онҳо зарурат надошт.

2. Баъзан дар автореферати диссертатсия талабот ва муқарраротиi «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» (саҳ. 5, 7, 9, 18, 22) риоя нагардидааст.

Автореферати диссертатсия Раҳимӣ Миҷгона Раҳим бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқ аст. Мавзую мундариҷаи автореферати диссертатсия ва мазмуну мухтавои он ба доираи мавзуъ ва

масоили таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ таъин шудаанд, мутобиқат дорад.

Хулоса, автореферати диссертасияи Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаии ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ,
муовини директори Муассисаи давлатии
«Хонаи китоби Тоҷикистон» - и Вазорати
фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович
«06» январи соли 2025.

Суроға: 734064 ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ,
кӯчаи Н. Қарабоев 17, Муассисаи давлатии
“Хонаи китоби Тоҷикистон”
Тел: (+992) 918268092, Факс: (+992837) 2337381
E-mail: bayoni@mail.ru

Имзои Баёнов М.Б. – ро тасдиқ менамоям:
Директори Муассисаи давлатии
«Хонаи китоби Тоҷикистон» - и Вазорати
фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
«06» январи соли 2025. Нодирзода Сайзароб Сайалӣ

Суроға: 734064 ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ,
кӯчаи Н. Қарабоев 17, Муассисаи давлатии
“Хонаи китоби Тоҷикистон”
Тел: (+992) 988808687, Факс: (+992837) 2334143
E-mail: info@kh.tj